Тақризи

**муқаррizi расмии дуюм ба диссертатсияи Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна дар мавзуи «Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ). – Душанбе, 2024. –176 с.**

Диссертатсия ба таҳқиқи муқоисавии соматизмҳо дар матнҳоли бадеӣ дар асоси «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он бахшида шудааст. Вобаста ба масъалаи таҳқиқот диссертатсия ба ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (**6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**) мувофиқат менамояд.

Забон омили муҳимми ташаккули миллат, баёнгари сарнавишт, мояи ифтихору сарфарозии соҳибзабонон ва бозёфти бебаҳову пурҳиммати ҷамъиятист, ки аз насл ба насл мегузарад, муносибатҳои наслу қавмҳои гуногунро пайванду пайваст мекунад, ганҷинаи илму фарҳангро ҳифз намуда, насиби наслҳои оянда мегардонад. Дар қатори масъалаҳои муҳимме, ки дар тарҷуманигорӣ мавқеи калидӣ касб намудаанд, тарҷумаи соматизмҳо дар асоси матнҳои бадеӣ низ хеле муҳим арзёбӣ мегарданд. Соматизмҳо дар тамоми воҳидҳои забонӣ – дар нутқи ҳаррӯзаи мардум, дар воҳидҳои фразеологӣ, дар зарбулмасалу мақолҳо ва таркибҳои гуногун хеле фаровон корбаст мешаванд. Тасаввуроти инсон дар бораи олами атроф, ҷаҳони ботинӣ ва фаъолияти равонии ӯ дар соматизмҳо хеле барҷаста ифода меёбад. Ҳар шахс дорои эҳсосоте ҳаст, ки он тавассути ҳиссиёт ва узвҳои баданаш ба ӯ зоҳир мешавад. Танҳо узвҳои бадан, ки симои соматикии одамро ифода мекунад, метавонанд вижагиҳои эҳсосоти инсонро тавассути забон нишон диҳанд. Ҷаҳони атрофро тавассути ҷисми инсон дарк намудан осонтар аст. Вобаста ба ҳамин, соматизмҳо дар матнҳои гуногуни бадеӣ низ мақоми махсус дошта, барои пуробаранг ва тобиши гуногуни маъноӣ пайдо намудани он ба таври фаровон истифода мегарданд. Ҳамаи он обурнагӣ ва тобишҳои маъноӣ тасвири забонии ҷаҳони соҳибзабоноро ташкил медиҳанд. Бинобар ин, тарҷумаи чунин тасвирҳо ва чигунагии ифодаи мафҳумҳои забонӣ барои мутарҷимон ва муҳаққиқон масъалаи хеле **муҳимму мубрам** арзёбӣ мегардад. Ин масъалаи муҳим дар тарҷумаи матнҳои бадеӣ беҳтар эҳсос мегардад.

Вале зикр бояд кард, ки соматизмҳо дар забоншиносии тоҷик, хусусан, дар забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ хеле нокифоя омӯхта шудаанд. Бинобар ин, таҳқиқи ҳамаҷонибаи соматизмҳо дар риштаҳои мазкури забоншиносии тоҷик дар матнҳои бадей дар мисоли маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он ва ифодаёбии соматизмҳо дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва англисзабонҳо яке аз **масъалаҳои мубрам** ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна асосан ба таҳлилу баррасии соматизмҳо дар тасвири забонии ҷаҳони соҳибзабонон (тоҷикон ва англисзабонҳо) бахшида шудааст. Зикр бояд кард, ки дар забоншиносии тоҷик маҳз доир ба соматизмҳо муҳаққиқон Н. Ш. Раҳмонова [2006], Н.О. Назаров [2008] ва М. А. Собирова [2018] рисолаи илмӣ таълиф намудаанд. Таҳқиқоти Н. Ш. Раҳмонова ба муқоисаи соматизмҳо дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ бахшида шуда, Н. О. Назаров доир ба мавқеи соматизмҳо дар воҳидҳои фразеологии забони ишкошимӣ (аз гурӯҳи забонҳои бадахшонӣ (помирӣ)) ва М.Н. Собирова оид ба вижагиҳои сохториву семантикии соматизмҳо дар таркиби идиомаҳо ва вожаҳои алоҳида дар ашъори Камоли Хуҷандӣ маълумот медиҳанд.

Муалифи рисола як қатор муҳаққиқонро, ки доир ба соматизмҳо таҳқиқи ҷудогона анҷом додаанд овардааст ба монанди К. Ф. Вак, Ю. А. Долгополов, Э.С. Якимова, Р. С. Ширманкина, Б. И. Осипов, С. Г. Дидиянова, А. И. Кузнетсова, В. Н. Соловар, Т. Н. Федуленкова, А. И.Муравева, К. И. Майер, Е. В. Николина, А. С. Нересян ва дигарон.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бори нахуст пажуҳиши муқоисавии вижагиҳои соматизмҳо дар тасвири забонии тоҷикон ва англисзабонҳо бар мабнои «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он анҷом дода шудааст.

Диссертант дар пажуҳиши худ **бори нахуст** масъаларо аз нуқтаи назари забоншиносии муқоисавӣ тарҷумаи англисии соматизмҳо дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ аз диди илми тарҷумашиносӣ ва забоншиносӣ таҳлил ва мавриди омӯзиши муқоисавӣ қарор додааст. Ҳамзамон, ба таври системавӣ ва оморӣ соматизмҳое, ки дар «Гулистон»-и С. Шерозӣ истифода шудаанд, мавриди баррасӣ қарор дода, вижагиҳои тарҷумавӣ, фарҳангӣ ва равонии онҳо ошкор намудааст. Инчунин, мавқеи соматизмҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ таҳқиқ шуда, равишу усулҳои тарҷумаи онҳо арзёбӣ гардиданд. Дар

баробари ин, тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва англисзабонҳо дар асоси соматимзҳо муқоиса гардида, хусусиятҳои умумӣ ва хоси онҳо ошкор карда шуданд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки диссертатсияи мазкур метавонад барои корҳои пажуҳишии минбаъда дар соҳаҳои забоншиносии шинохтӣ, фарҳангӣ, равонӣ ва муқоисавӣ, инчунин тарҷумашиносӣ мусоидат кунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли як қатор масъалаҳои амалӣ ва назариявии самтҳои мазкур метавонанд истифода шаванд ва ҳамчун асос ва замина барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмию назариявии онҳо хидмат намоянд. Ҳамзамон, ҷиҳати шинохти тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва дар муқоиса бо англисзабонон заминаи хубе хоҳад шуд. Вижагиҳои умумӣ ва хоси тарҷумаи соматизмҳо дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ имкон медиҳанд, ки ин мавзуъ минбаъд ҳамаҷониба омӯхта шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун мавод дар пажӯҳишҳои оянда метавон истифода бурд ва дар таҳлили муқоисавии асарҳои бадеӣ ҳамчун маъхаз истифода кард. Арзиши амалии ин кор дар он аст, ки дар омӯзиши тарҷумаҳои англисии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ҳамчун дастур метавон онро истифода кард. Ҳамчунин, маводи диссератсияро метавон ҳангоми тадриси фанҳои назария ва амлияи тарҷума ва тарҷумашиносӣ барои донишҷӯён истифода намуд. Ҳамзамон, ҳамчун маълумот барои муҳаққиқон ва ҳаводорони «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ арзиши амалиро доро мебошад.

Диссератасияи Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна аз муқаддима, 3 боб, хулоса, тавсияҳо ва руйхати адабиёт иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 176 саҳифаи компютерӣ иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия роҷеъ ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, навоварии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои диссертант мушаххас пайгирӣ шуда, нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки воқеан, дар илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ аҳаммияти вижа доранд.

Боби якуми диссертатсия **«Масъалаҳои назариявии тарҷумаи асарҳои бадеӣ ва таҳқиқи соматизмҳо дар матнҳои он»** номгузорӣ шудааст, ки он аз 7 фасл иборат мебошад. Фасли аввали боби якум ба баррасии мавзуъ бахшида шуда, дар фасли дуюм – **«Истилоҳи «соматизм» дар забоншиносӣ ва андешаҳои забоншиносон доир ба истифодаи он»** доир ба истилоҳи «соматизм» ва ҷойгоҳи он дар забоншиносӣ маълумоти умумӣ дода шуда, андешаҳои забоншиносон роҷе ба ин масъала мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегиранд.

Фасли сеюми боби аввал **«Соматизмҳо дар тасвири забонии ҷаҳон»** ном гирифта, дар он доир ба мавқеи соматизмҳо дар тасвири забонии ҷаҳони соҳибзабонон таҳлил мегардад.

Дар фасли чоруми боби мазкур, ки **«Таснифоти соматизмҳо дар забоншиносӣ»** номгузорӣ шудааст, доир ба гуруҳбандии соматизмҳо маълумот дода мешавад.

Дар фасли панҷуми боби аввал, ки **«Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва корбурди соматизмҳо дар он»** ногузорӣ шудааст, маълумоти мухтассар доир ба «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ дода шуда, мавқеи соматизмҳо дар он таври иҷмолӣ таҳлил мешавад.

Фасли шашуми боби дуюм доир ба тарҷумаҳои «Гулистон»-и С. Шерозӣ маълумот медиҳад.

Дар фасли ҳафтуми боби якум **«Хусусиятҳои тарҷумавии соматизмҳо дар асарҳои бадеӣ»** доир ба баъзе хусусиятҳои тарҷумаи соматизмҳои «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ иттилоъ дода мешавад.

Дар боби дуюми диссертатсия – **«Вижагиҳои тарҷумаи англисии соматизмҳои узвҳои берунии инсон дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ»**, ки аз 6 фасл ва дар маҷмуъ аз 16 зерфасл иборат мебошад.

Фасли аввали боби дуюм ба баррасии мавзуъ бахшида шуда, дар фасли дуюми боби мазкур, ки **«Соматизмҳои *қисмати сару гардан ва рӯй*»** номгузорӣ шудааст, асолати тарҷумаи англисии соматизмҳои қисмати мазкур мавриди таҳлил қарор мегиранд.

**Фасли сеюми боби дуюм** ба тарҷумаи **«Соматизмҳои қисмати** *дасту по*» бахшида шудааст. Дар фасли чорум ва панҷум соматизмҳои **«по»**, **«зону»** ва **«рон»** мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Вижагиҳои тарҷумаи англисии соматизмҳои узвҳои дохилии инсон ва зоосоматизмҳо дар «Гулистон»- и**

**Саъдии Шерозӣ»** ном дорад, ки дар се фасл ва зерфаслҳо мураттаб шудааст.

**Фасли аввал** ба баррасии мухтассари мавзуъ бахшида шуда, дар фасли дуюм **«Соматизмҳои ифодакунандаи узвҳои дарунӣ»** мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Фасли сеюми боби сеюм «**Зоосоматизмҳо**» ном дорад. Дар фасли мазкур соматизмҳои мансуб ба ҳайвон мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар хулоса муаллиф ба таври кофӣ андешаҳои худро роҷеъ ба "**вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он)** ҷамъбаст ва натиҷагирӣ кардааст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ҳамчун мавод дар корҳои таҳқиқотӣ ва дар таҳияи барномаҳо ё коркарди масъалаҳое, ки бо таҳқиқоти соматизмҳо ва тарҷумаи онҳо алоқаманданд, инчунин дар раванди таълими забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ, лексикология ва фразеология, барои гузаронидани семинарҳо ва курсҳои махсус истифода бурда шаванд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиб дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар диссертатсия муаллиф ба шумораи зиёди сарчашмаҳои илмӣ оид ба омӯзиши "Соматизмҳо" ишора кардааст, аммо на ҳама вакт дар меъёри зарурӣ фикру мулоҳизаҳои танқидӣ мегузаронад.

2. Агар муаллиф дар боби дуюм як фасли алоҳида оид ба таҳқиқи истифодаи соматизмҳои "гӯш, чашм, гардан, даҳон" дар нутқи ғайрирасмӣ (сленг) ҷой медод, хубтар буд, зеро дар нутқи ғайрирасмӣ низ соматизмҳо ба таври васеъ истифода мешавад.

3. Дар автореферат омадааст, ки "Дар боби дуюми диссертатсия – **«Вижагиҳои тарҷумаи англисии соматизмҳои узвҳои берунии инсон дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ»**, ки аз 6 фасл ва дар маҷмуъ аз 16 зерфасл иборат мебошад", вале дар диссертатсия мо фасли шашумро пайдо карда натавонистем.

4. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ва автореферати он (6,18,32,37,119,129,133) ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси афзудани ҳусну зиннати ин кори илмӣ-таҳқиқӣ мегардад.

Камбудию норасоиҳои ҷойдошта бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, ислоҳпазиранд. Аз ин лиҳоз моҳият ва арзиши баланди илмии

кори диссертатсионии муҳаққиқ Мирзоалиева Шукронаро коста намесозад.

Хулоса, диссертатсияи тақризшаванда, ки ба баррасии «**Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он)** бахшида шудааст, дар забоншиносӣ, хосатан дар таҷумашиносӣ дар қатори корҳои нахустин маҳсуб буда, аҳамаияти махсуси илмию назариявиро дорост.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашркардаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамояд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна дар мавзуи «**Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он)** ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ: н.и.ф. дотсенти
кафедраи мутолиоти аврупоии
факултети муносибатҳои
байналхалқии ДМТ, Наҷмиддинов Акбаршоҳ Файзуллоевич

Суроға: 734025, ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 17,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел: +(992)918506382
e-mail: akbar.n@mail.ru

Имзои Наҷмиддинов А.Ф.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.
30 01 2024